# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи "Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ сарвати маънавии миллати тоҷик маҳсуб мешаванд ва ҳифзу таҳқиқи онҳо аз муҳимтарин вазифаҳои илми забоншиносии тоҷик, ба хусус қисмати шевашиносии он мебошад.

Дар тӯли беш аз як қарн олимон ва донишмандони зиёди ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни лаҳҷаҳои забони тоҷикиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин замина мақола ва асару рисолаҳои илмии арзишманд таълиф намудаанд ва маҳсули тадқиқотҳои эшон барои тасвири умумии марҳилаҳои рушди забони тоҷикӣ ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони адабӣ ба таври фаъол истифода мешавад.

Бо вуҷуди ин, теъдоди муайяни лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, хусусан таркиби луғавии онҳо ҳанӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд, ки лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ аз ҷумлаи онҳост.

Бояд гуфт, ки бинобар ягона будани таркиби миллии аҳолии ноҳия ва бо лафзҳои дигар, аз ҷумла туркиву русӣ танҳо берун аз ҳудуди ноҳия рӯ ба рӯ омадани мардуми он, дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои ноҳия калимаҳои иқтибосӣ, хусусан иқтибосҳои туркӣ камтар ба мушоҳида мерасанд. Асоси таркиби луғавии лаҳҷаҳои ноҳияро калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил медиҳанд.

Бинобар ин, мавриди пажуҳиши густурда қарор додани луғати шеваҳои ин минтақаи кӯҳистони кишварамон метавонад дар ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба забони адабии имрӯза, таърихи забон ва дар равшанӣ андохтан ба бисёр саҳифаҳои норавшани маданияти маънавии халқамон ба гунаи неку мусоидат мусоидат намояд.

Бо назардошти ин ва бо таваҷҷуҳ ба он, ки дар заминаи луғати марбут ба олами набототи ноҳияи Айнӣ пажӯҳиши махсусе анҷом дода

нашудааст, мавзӯи диссертатсияи унвонҷӯ Гулова Маъмура Нуровна “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ”-ро метавон муҳим арзёбӣ намуд.

Мақсади асосии диссертатсия аз таҳлилу таҳқиқи фарогир ва тавзеҳии илмии вижагиҳои забонии вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ, таснифу гурӯҳбандии луғавию маъноӣ ва мавзуии вожагони мавриди таҳқиқ бо назардошти мушаххас намудани ҳудуди густариши онҳо, иборат мебошад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар он хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории таркиби луғавии яке аз лаҳҷаҳои ҳанӯз омӯхтанашудаи забони тоҷикӣ – лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар мисоли воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи наботот бори нахуст мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд ва натиҷаҳои он дар ҳалли баъзе масъалаҳои марбут ба умумияту тафовути системаи лексикаи лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ мусоидат карда метавонад.

Аҳаммияти илмӣ-назариявии таҳқиқ ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки он барои таҳқиқоти минбаъдаи марбут ба гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғавии забони тоҷикиву лаҳҷаҳои он метавонад ба сифати сарчашмаи боэътимод хизмат намояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ҳангоми омӯзиши гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғавии лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ метавонанд истифода шаванд.

Маводи диссертатсия ҳамчунин, барои таҳияи дастурҳои таълимӣ оид ба лексикология ва тадвини фарҳанги мукаммали лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ метавонад мавриди истифода қарор дода шавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он ба таҳқиқи монографии вижаи лексикаи яке аз лаҳҷаҳои ҳанӯз омӯхтанашудаи забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия ҳамчунин, дар заминаи лаҳҷаҳои ноҳия пайдоишу рушд, ҳудуди

паҳншавӣ ва қолабҳои калимасозии вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо муайян карда шудаанд.

Муайян ва мушаххас намудани вижагиҳои умумӣ ва махсуси аломатҳои номгузорӣ ба рустаниҳо дар забони тоҷикӣ, дар мисоли лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ аз муҳимтарин дастовардҳои шахсии муаллиф ба ҳисоб меравад.

Бо таълифи диссертатсияи мавриди назар унвонҷӯ тавонистааст ба мақсади худ, ки муайян кардани вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ муайян гардидааст, ноил гардад.

Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ ва забони равону шево таълиф гардидааст ва пажӯҳиши густурда дар мавриди хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили маводу мулоҳизарониҳои унвонҷӯ аз сатҳи баланди дониши забонӣ ва шиносоии хуби ӯ бо адабиёти илмии соҳа гувоҳӣ медиҳад.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст. Муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия ҳамчунин дар шакли маърузаи илмӣ дар конференсияҳои илмӣ ироа гардидаанд.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашршуда мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Натиҷагириҳо аз ин таҳқиқ назарияи илми забоншиносии тоҷикро мукаммалтар намуда, дастовардҳои он барои таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба лаҳҷашиносии тоҷик ва тартиб додани луғатҳои лаҳҷавӣ мутавонанд чун мавод истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, ҳамчун роҳбари илмӣ диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровнаро дар мавзуи "Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ:

ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ”ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ меҳисобам ва барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия медиҳам.

Мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
номзади илми филология Носиров С.М.


**Маълумот барои иртибот:**
**Суроғаи корӣ:**734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Н. Карабаева 63/3
**Тел:** +992 (37) 234 07 52 корӣ, +992 (37) 93 893 39 29 моб.
**E-mail:**nsabur@mail.ru


Имзои мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади
илми филология С.М. Носировро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.
“4” апрели с.2023

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ